«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
___________Хушвахтзода Қ. Х.
«_4_»_03______ 2020 с.

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврӣ (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015)» аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар кафедраи матбуоти факултети журналистика ба ҳайси унвонҷӯ ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Ӯ соли 2009 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналист хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни «Таърих ва фалсафаи илм», «Забони хориҷӣ», «Ихтисос» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05. 02. 2020 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Муродов Мурод Бердиевич – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:**

Мавзӯи диссертатсия актуалӣ буда, дар он масъалаи инъикоси муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии тоҷик пажӯҳиш шудааст. Дар рисола таъкид мегардад, ки муҳоҷират таърихи қадима дошта, дар тамоми давраҳои тараққиёти ҷомеаи инсонӣ ҳамсафари зиндагии инсонҳо будааст. Таърихшиносону археологҳо ва ҷомеашиносон муҳоҷиратро ҳамчун омили пешрафти ҳаёти иқтисодӣ, пайдоиши сарзаминҳову давлатҳо, манбаи

бахрабардорӣ ва таъсирпазириҳои иқтисодиву фарҳангӣ миёни миллатҳову кишварҳо ва истилогариву бавуҷудоии империяҳову низомҳои тозаи сиёсиву иқтисодӣ донистаанд. Дар ҷараёни ҷаҳонгарой, ки имрӯз дар ҷомеаи инсонӣ идома дорад, муҳоҷират, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ, аз мушкилоти умдаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллатҳову давлатҳо шинохта шуда, миқёси фарогири он низомҳои сиёсиву иҷтимоиро сахт нигарон кардааст.

Муҳоҷират дар фаъолияти рӯзноманигорӣ яке аз масъалаҳои мубрам буда, ҳаводиси рӯзмарраи марбут ба он, на танҳо ифодагари раванди ин масъала, балки бозгукунандаи вазъи он низ мебошанд. Дар ҷараёни муҳоҷират ва ҳалли мушкилоти он ВАО, бахусус матбуоти даврӣ нақши хоса дорад. Ба ин муносибат, таҳқиқи қиёсии инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврии Тоҷикистон, аз ҷумла нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» аз аҳамият холӣ нест.

Зарурати интихоб ва таҳқиқи мавзӯъ ҳамчунин ба дарки ҷараёни ташаккули имиҷи «муҳоҷири меҳнатӣ» дар матбуоти даврии тоҷик мусоидат карда, моҳияти таъсири онро ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ равшан месозад.

Дар пажӯҳиши мавзӯъ унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки бо такя ба пажӯҳишҳои баанҷомрасида, маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» таҳлилу баррасӣ намуда, нақши ин нашрияҳоро дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ташаккули имиҷи муҳоҷири тоҷик ба таври муқоиса нишон диҳад, усулҳои таҷассуми чеҳраи мусбат ва манфии муҳоҷирони меҳнатӣ, бархӯрди ахлоқии онҳо ба ин масъаларо таҳқиқ ва арзёбӣ кунад.

Ӯ бо баррасиҳои худ собит месозад, ки нашрияи “Ҷумҳурият”дар инъикоси мавзӯи муҳоҷират ба қонунҳо ва усулҳои касбӣ такя намуда, ҳамчун рӯзномаи расмӣ то ҷое мувофиқи талаботи ҳукумат дар инъикоси воқеиятҳои ҷарёни муҳоҷирати меҳнатӣ иқдом кардааст. Он паҳлуҳои гуногуни мавзӯи муҳоҷирати меҳнатӣ ва воқеатҳои кору зиндагии муҷоҷирон, аз ҷумла масъалаҳои ҳуқуқӣ, касбомӯзӣ, суду зиёни иқтисодӣ ва

фарҳангии ин равандро ба таври густурда инъикос ва баррасӣ кардааст. Ҳафтаномаи "Озодагон" бошад бо нашри иттилооти дақиқ оид ба муҳоҷират ва вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ тавонистааст, ки мушкилоти воқеии ин равандро матраҳ сохта, ба ин васила аз таъсири омилҳои мусбату манфӣ дар шаклгирии ин ҷараён ва оқибатҳои он хонанадагонро огоҳ созад. Дар нашри мавод идораи ҳафтанома ба бунгоҳҳои иттилотии худиву бегона ва мутахассисони соҳа такя карда, дар ин замина аз манфиятҳои инсонӣ ва миллӣ ҳимоя намудааст.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ назари худро бо далелҳо асоснок намудааст. Ӯ муътақид аст, ки инъикоси воқеиятҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» тарз ва василаҳои шаклии инъикоси онро низ ба миён мегузорад, ки шинохту арзёбии саҳеҳи ин масъала салоҳияти касбии расонаҳоро дар корбасти жанрҳои гуногун ва унсурҳои жанрсоз муайяну мушаххас менамояд.

Ба ин маънӣ, имконияти ҳар як жанри матбуот дар алоҳидагӣ (дар мисоли хабар, репортаж, мусоҳиба, мақола, мухбирнома) дар инъикоси рӯйдод ва воқеиятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Диссертатсия паҳлуҳои гуногуни масъаларо фаро гирифта, барои ошкор намудани вазъи муҳоҷирати меҳнатӣ, тамоюли мусбату манфии он ва мавқеи иҷтимоии инсон дар ҷараёни ҳодисаҳо нигаронида шудааст. Равиши таҳқиқ ба омӯзиши фазои иттилоотии ду нашрия нигаронида шуда, дар ин замина хусусиятҳои мундариҷавӣ ва сохтории маводи нашршуда муайян ва мушаххас гардидааст.

Муҳтавои рисола ва таҳлилу баррасиҳои мавзӯъ нишон медиҳанд, ки унвонҷӯ ба мақсади бамиёнгузоштаи худ расидааст. Дар заминаи таҳқиқу таҳлил матолиби марбут ба муҳоҷирати меҳнатии нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» муайян гардида, хусусиятҳои мундариҷавию жанрии матолиби марбут ба мавзӯъ нишон дода шудааст.

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ навишта шуда, дар ҷараёни таҳқиқу таҳлил ва собитсозии назару андеша муаллиф аз манбаъҳои

гуногуни таърихӣ, адабиёти илмӣ, маводи матбуоти даврӣ, осори пажӯҳишии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ доир ба публитсистика, ва муоҷират, ки дар монографияҳо, рисолаҳо, маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва ғайра инъикос гардидаанд, фаровон ва ба маврид истифода намудааст.

Дастовардҳои ин рисоларо метавон дар ҷараёни тадриси фанҳои таърихи журналистика, жанрҳои публитсистика, курсу семинарҳои махсуси "Нақши матбуоти даврӣ дар бозтоби масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ташаккули имиҷи муҳоҷир", таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалии соҳаи журналистика истифода кард.

Натиҷаҳои тадқиқоти аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонидашуда дар шакли маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2013-2019) баён шудааст.

Мазмуни асосии диссертатсияи илмии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯйи нашриёҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардида инъикос шудааст:

1. Сайфиддинова, Г. Инъикоси баъзе мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои "Ҷумҳурият" ва "Озодагон" (2012-2013) / Г. Сайфиддинова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2014. - №4/6 (146). – С. 291-295

2. Сайфиддинова, Г. Инъикоси масоили муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияи "Озодагон" / Г. Сайфиддинова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе: 2017. - №4 (71). – С.148-152

3. Сайфиддинова, Г. Ташаккули имиҷи муҳоҷирони меҳнатӣ дар матбуоти хусусӣ (дар мисоли нашрияи"Озодагон") / Г. Сайфиддинова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе: 2018. - №5-1 (77). – С.188-192

4. Сайфиддинова, Г. Имконоти жанрӣ дар инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ (дар мисоли рӯзномаи "Ҷумҳурият") / Г.

Сайфиддинова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Маркази таъбу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. - №1.– С. 312-315

Диссертатсияи Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврӣ (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» – 2000-2015)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мувофиқ буда, он ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои матбуот, журналистикаи байналхалқӣ, телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст. Дар ҷаласа 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"–18 нафар, "зид" ва "бетараф" нест.

Қарори №6, аз 18 январи соли 2020.

Мудири кафедраи матбуот, дотсент **Усмонова Н. К.**

Котиби илмӣ,
дотсент **Бозорзода Н. Ш.**

"Тасдиқ мекунам"
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э. Ш.**

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
www.tnu.tj
тел: (+992) 8342264715